# ЗИНДАГИНОМАИ ПАЁМБАР (С)
## Аз таваллуди Паёмбар (с) то ҳиҷрати мусулмонон ба Ҳабаша

Муаллиф: Муҳаммад Алии Холидӣ
Ҷилди 1

**БИСМИЛЛОҲИР-РАҲМОНИР-РАҲИМ**

## Муқаддима

Алҳамду лиллоҳи Раббил-ъоламин, вас-салоту вас-салому ъало Саййидил-мурсалин ва ъало олиҳи ва саҳбиҳи аҷмаъин.

Саросари зиндагии Паёмбар (с) нуҳуфта аз розҳо ва рамзҳое аст, ки ҳеҷ кас, ҳатто наздиктарин ёрону асҳобаш ва фаротар аз он, ҳамсаронаш низ натавонистанд ба он розҳои дарунӣ пай бибаранд ва онро ба таври комил бишиносанд.

Ҳамзамон бо зуҳури Паёмбар (с) ҷаҳон дар остонаи суқут ва ҳалокат қарор гирифта буд ва лозим буд, ки инсоне хастагинопазир ва дилсӯз аз ҷониби Худованди Мутаъол ба паёмбарӣ мабъус гардад, то дунёро аз ин фалокату бадбахтӣ наҷот дода, онҳоро ба сӯйи саодату хушбахтӣ раҳнамун созад.

Оре, суннати Худованд бар ин қарор гирифта аст, ки ҳар гоҳ инсонҳо поро аз чорчӯбаи шариат ва дин фаротар гузошта, дар вартаи суқут ва ҳалокат қарор гиранд ва роҳи наҷоте барои онҳо натавон ҷустуҷӯ намуд, яке аз инсонҳои солеҳ ва шоистаи ҳамон давраро ба унвони наҷотбахш ва паёмбар интихоб менамояд, то ҳуҷҷатро бар онҳо тамом гардонад ва ҳеҷ касро маҷоле барои узр ва баҳонатарошӣ доир ба ин ки аҳкому дастуроти Худованд ба мо нарасида ва баён нагардидааст, боқӣ намонад.

Паёмбар (с) дар ҷомеае чашм ба дунё кушод, ки қатлу ғорату хунрезӣ ва зинда ба гӯр кардани духтарон ҷузви ифтихороти ҳар қавму қабилае маҳсуб мегардид, бинобар ин аз ҳамон ибтидо бо воқеаҳо ва таҳаввулоти бисёр ҷонкоҳ ва тоқатфарсое рӯбарӯ гардид, ки шахсе ғайр аз Паёмбар (с) ба осонӣ наметавонист аз паси он ҳама мушкилот барояд.

Паёмбар (с) аз ҳамон ибтидо наздиктарин афроди хеш - падару модарашро аз даст дод ва аз ин воқеаи ногувор муддате нагузашта буд, ки такягоҳи баъдии худ Абдулмутталибро низ аз даст дод. Бо марги Абдулмутталиб таърихи навине дар зиндагии Паёмбар (с) оғоз гардид, чунки Паёмбар (с) ба амакаш Абӯтолиб супурда шуд ва аз он ҷое, ки Абӯтолиб фарди фақир ва муҳтоҷ буд, Паёмбар (с) наметавонист аз ин вазъияти амакаш чашм бипӯшад. Аз ин рӯ, барои ин ки мададгори амакаш гардад, ба чӯпонӣ мепардохт ва аз музди он зиндагии худро мегузаронид.

Чӯпонӣ аз ҷанбаҳои гуногун бо фитрати даруни Паёмбар (с) муносиб буд, зеро ки бештари соатҳои рӯзро ба тафаккур ва розу ниёз бо Парвардигор пардохта, аз ин роҳ бо маъбуд ва маҳбуби воқеияш иртибот барқарор менамуд ва аз муҳити куфру ширколуди Макка дур буд.

Паёмбар (с) аз ин ки арабҳо маъбуди воқеии хешро фаромӯш карда, сангҳо ва чӯбҳои бехосиятеро мепарастанд, ки наметавонанд ҳеҷ як аз ниёзҳояшонро бановарда созанд ё нафъеро ба касе бирасонанд ва ё зарареро аз касе дафъ намоянд, бисёр андӯҳгин ва нороҳат буд, аммо наметавонист ақидаи воқеии хешро баён намояд, зеро ки барои ӯ ҳамон мушкилотеро эҷод менамуданд, ки баъд аз биъсат ба вуҷуд оварданд.

Садоқат ва дурусткории Паёмбар (с) забонзади хосу ом шуда буд ва эшонро ба номи Муҳаммадамин мешинохтанд. Вақте ки ин садоқат ва дурусткорӣ ба гӯши зани наҷибу шариф ва дар айни ҳол сарватманду пулдор - Хадиҷа расид, аз Паёмбар (с) барои рафтан ба тиҷорат дар Шом даъват намуд ва ғуломи хеш Майсараро низ ҳамроҳи эшон фиристод, то тамоми ҷанбаҳои ахлоқӣ ва рафтори Паёмбар (с)-ро мадди назар дошта бошад. Корвони тиҷоратӣ ба Шом расид ва бо суди бисёр зиёд ба шаҳри Макка бозгашт ва Хадиҷа пай бурд танҳо касе, ки метавонад ба орзуҳои қалбии ӯ ҷомаи амал бипӯшонад, Паёмбар (с) хоҳад буд, аз ин рӯ издивоҷи миёни Паёмбар (с) ва Хадиҷа сурат гирифт.

Паёмбар (с) бештари вақти худро ба розу ниёз бо Парвардигор дар ғоре ба номи Ҳиро мегузаронид, ҳатто чандин шабҳоро дар ин ғор сипарӣ менамуд. Дар яке аз ҳамин рӯзҳо буд, ки Ҷабраил (а) бар Паёмбар (с) нозил шуд ва вазифаи бузурги нубувватро бар дӯши эшон гузошт. Аз ин пас Паёмбар (с) мебоист шабонарӯз мардумро ба сӯйи тавҳид ва яктопарастӣ даъват намояд.

Паёмбар (с) аз ҳамон ибтидои нузули ваҳй мукаллаф шуд, то ин даъватро аз хонаводаи хеш шуруъ намояд ва пас аз он ин даъватро ошкоро созад. Бинобар ин, аввалин афроде, ки ба Паёмбар (с) имон оварданд, аз хонаводаи худи Паёмбар (с) буданд ва Хадиҷа дар тамоми марҳалаҳои даъвати Паёмбар (с) бозуи неруманду тавоно барои ӯ буд ва дар ин муддат тамоми

амволу сарвати Хадиҷа барои таблиғ ва интишори Ислом сарф гардид.

Озор ва азийяти куффор нисбат ба Паёмбар (с) ва асҳобу ёронаш рӯз ба рӯз афзоиш меёфт ва Паёмбар (с) барои костани ин фишор ҳар рӯз тасмиме мегирфт, ки аз он ҷумла сафар ба Тоиф, ҳиҷрат ба Ҳабаша ва ниҳоятан ҳиҷрат ба Мадинаро метавон мисол овард.

Бо вуруди Паёмбар (с) ба Мадина даъвату таблиғи исломӣ шакли тозае ба худ гирифт ва то ҳудуде аз озору азийяти Паёмбар (с) ва мусулмонон коста шуд. Мардуми Мадина низ бо оромиши хотири бештаре нисбат ба гузашта ба зиндагии худ идома медоданд, зеро то қабл аз вуруди Паёмбар (с) ба Мадина ду гурӯҳи Авс ва Хазраҷ, ки дар Мадина зиндагӣ мекарданд, ба таври доим бо якдигар дар ҷидолу ситез буданд, ки ба таври мисол метавон ба ҷангҳои Буъос, ки ҳафтод сол тӯл кашид, ишора намуд.

Аҳком ва қонунҳои динӣ, аз ҷумла намоз, рӯза, ҳаҷ ва ҷиҳод дар Мадина бар мусулмонон воҷиб гардид, муқобала ва рӯёрӯии мустақими кофирон ва мусулмонон ба вуқӯъ пайваст ва дар тамоми марҳалаҳои ин даргирӣ, то замоне ки мусулмонон ба Худованд муттакӣ буда, фиреби таҷҳизот ва теъдоди афроду сипоҳиёни худро нахӯрда буданд, пирӯз гаштанд ва Худованд ҳам дар тамоми ҳолатҳо мусулмононро ёрӣ намуд.

Даъвати Паёмбар (с) рӯз ба рӯз дар ҳоли пешрафту такомул буд ва ин пешрафт бо пирӯзии мусулмонон дар фатҳи Макка ба авҷи худ расид. Ҳукумати исломӣ аз он таърих ба баъд, монанди ҳукумати мустақил ва нерӯманд дар канори дигар ҳукуматҳо қарор гирифт, ҳатто ҳукуматҳои неруманди Эрон ва Рум аз ин пешрафти чашмгир ба тарсу ваҳшат афтода буданд.

Умри муборaки шарифи Паёмбар (с) марҳалаҳои поёни хешро сипарӣ менамуд, бинобар ин, тасмим гирифт, то ба зиёрати хонаи Худо раҳсипори Макка гардад. Дар он ҷо суханони лозим ва чигунагии адои ҳаҷро ба мусулмонон омӯхт, чунки ин аввалин ва охирин ҳаҷҷе буд, ки Паёмбар (с) ба ҷо оварда буд. Зиёрати хонаи Худо ба поён расид ва мусулмонон ҳамроҳи

Паёмбар (с) вориди Мадина шуданд ва аз ин ҳангом бемории Паёмбар (с) шуруъ гардид.

Бемории Паёмбар (с) ду ҳафта тӯл кашид ва дар ин муддат Абӯбакр (р) аз ҷониби Паёмбар (с) имомати намозро бар уҳда гирифт. Бемории Паёмбар (с) рӯз ба рӯз авҷ гирифта, лаҳзаҳои охири зиндагии Паёмбар (с) наздик мешуд ва дар ниҳоят Паёмбар (с) ин дори builtфониро видоъ гуфтанд. **«Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун»**.

Лаҳзаҳои вафоти Паёмбор (с) лаҳзаҳои ҳассос ва пурҳаёҳӯ буд ва таърих рӯзи андӯҳбортар аз онро эҳсос накарда ва надида буд. Мусулмонон наметавонистанд бовар кунанд, ки шахсияте ҳаммонанди Паёмбар (с) рӯзе ин дунёро видоъ хоҳад намуд, зеро ки онон рӯз ба рӯз бо Паёмбар (с) бештар унсу улфат мегирифтанд ва гуфтор, дидор ва ҳамаи аъмолу ҳаракоти ӯ барои мусалмонон ниҳояти саодат ва хушбахтӣ маҳсуб мегардид. Онҳо интизор доштанд ҳамон гуна ки Паёмбар (с) тарбият ва роҳнамоии худашонро бар уҳда доштааст, тарбияти фарзандонро низ бар уҳда бигирад. Аммо хости Худо ҷуз ин буд ва маргро ба унвони сарнавишти ниҳоии инсонҳо қарор додааст.

Китобе, ки ҳам акнун дар ихтиёри шумо хонандагони муҳтарам қарор гирифтааст, нигоҳе гузаро ва кӯтоҳ ба зиндагии Паёмбар (с) дорад, ки бо мутолиаи он аз намунаи зиндагии ӯ метавон огоҳ шуд ва ӯро ба унвони намунаи воқеии зиндагӣ дар тамоми саҳнаҳо ва бахшҳо мадди назар қарор дод. Аз Худованд хосторем, то сирати воқеии Паёмбар (с)-ро дар тамоми ҷанбаҳои зиндагии мо қарор диҳад. Омин. Вас-салому алайкум ва раҳматуллоҳи ва баракотуҳу.

Муҳаммад Алии Холидӣ

## Таваллуди Паёмбар (с)

Ном: Муҳаммад (с)

Куня: Абулқосим

Номи падар: Абдуллоҳ писари Абдулмутталиб

Номи модар: Омина духтари Ваҳб

Паёмбар (с) дар дувоздаҳуми Рабиъул-аввали "Омул-фил", ки мувофиқ бо 571-уми мелодӣ аст, дар Макка таваллуд шуд. Ин солро ба ин хотир "Омул-фил" номиданд, ки Абраҳа бо сипоҳиёни хеш, ки филҳои ҷангӣ ба ҳамроҳ дошт, тасмим ба вайрон намудани хонаи Худо (Каъба) гирифтанд, аммо Худованд ононро ба хотири чунин қасди шуме нобуд кард ва барои ҳалокат ва нобудии онон парандагоне ба номи Абобил фиристод, ки сангҳое аз "сиҷҷил" бар онон партоб мекарданд, чунонки Худованд дар сураи "Фил" мефармояд:

**"Оё нашунидаӣ, ки Парвардигори ту бо филсавороне, ки қасди вайрон кардани хонаи Худо доштанд, чи карда ва чи бар сари эшон оварда аст; Магар найранги эшонро табоҳ ва ботил нагардонидааст; Ва магар паррандагонро гурӯҳ - гурӯҳ бар сари онон нафиристодааст; Он паррандагон ба сӯйи филсаворон сангҳои кӯчаке аз сангилро меандохтанд".**

Қабл аз таваллуди Паёмбар (с) падараш Абдуллоҳ ибни Абдулмутталиб, ки барои дидори тағоҳояш Банӣ Наҷҷор берун рафта буд, даргузашт. Зеро Паёмбар (с) ҳангоме ки мутаваллид шуд, падараш дори фониро видоъ гуфта буд. Ҳангоми таваллуди Паёмбар (с) ин муждаро ба ҷаддаш Абдулмутталиб доданд. Абдулмутталиб аз шунидани ин хабар бисёр хушҳол шуд ва ӯро дар оғӯш гирифта, бо ӯ ба шукронаи ин неъмати Худовандӣ ба тавофи Каъба пардохт ва номи ӯро ба илҳоме аз ҷониби Худованд Муҳаммад гузошт. Бо вуҷуди ин ки ин ном дар миёни мардуми араб собиқа надошт, аммо Абдулмутталиб дӯст дошт, ки ӯ назди Худованд ситуда бошад, аз ин рӯ номи ӯро Муҳаммад (писандида) номид.

## Супурдани Паёмбар (с) ба доя

Омина, модари Паёмбар (с) аз ҳамон нахустини рӯзи таваллуди ӯ дарёфт, ки шири кофӣ барои хӯронидани танҳо самараи издивоҷи хеш ва Абдуллоҳ надорад. Омина танҳо ҳафт

рӯз ба Паёмбар (с) шир дод ва пас аз он аз ғизо додан ва сер кардани вай нотавон монд.

Аввалин зане, ки баъд аз Омина Паёмбар (с)-ро шир дод Сувайба канизи озодшудаи Абӯлаҳаб буд, ки ҳамзамон бо Паёмбар (с) фарзандашро ба номи Масруҳ шир медод.

Баъд аз Сувайба касе, ки сарпарастии Паёмбар (с)-ро бар ӯҳда гирифт, Ҳалима духтари Абӯзуайб буд. Дар он замон расму одати араб бар ин буд, ки фарзандонашро ба хотири ин ки қавӣ ва неруманд гарданд, аз ҳавои озоду соф истифода намоянд ва зеҳнашон барои ёдгирии матолиб омода гардад, ҳамчунин ба ин хотир, ки забони фасеҳи арабиро ёд бигиранд, ба доя месупориданд. Занони бодиянишин низ ба хотири дарёфти музд ба шаҳр меомаданд, то сарпарастии кӯдакеро бар ӯҳда гиранд ва аз ин роҳ махориҷи зиндагиашонро таъмин карда тавонанд.

Абдулмутталиб ва Омина низ ба ҷустуҷӯи ёфтани дояе баромаданд, то ба сарпарастии Паёмбар (с) уҳдадор гардад, лизо Паёмбар (с)-ро бо зане ба номи Ҳалима супурданд. Баъд аз ин, ки Ҳалима, Паёмбар (с)-ро ба унвони фарзандӣ қабул кард, баракоти Худованд дар зиндагии ӯ сарозер шуд, Ҳалима мегӯяд. "Баъд аз ин ки Паёмбар (с)-ро пазируфтам, пистонҳои шутуре, ки доштем пур аз шир шуд, дар ҳоле, ки қабл аз он аз фарат лоғари тоқат ва таҳаммули роҳ рафтанро надошт. Ҳамчунин пистонҳои худам пур аз шир гардид, ба гунае, ки ҳам Паёмбар (с) ва ҳам фарзандам сер мешуданд, аммо қабл аз он пистонҳои ман шире надошт, ки битавонад фақат фарзандамро аз гуруснагӣ наҷот диҳад".

## Ҷабраил (а) синаи Паёмбар (с)-ро мешикофад

Дар айёме, ки Паёмбар (с) ҳанӯз таҳти сарпарастии Ҳалима ба сар мебурд, моҷарои шикофта шудани синаи Паёмбар (с) рух дод.

Моҷаро аз ин қарор буд, ки Паёмбар (с) ва фарзандони Ҳалима, ки барои бозӣ ба берун рафта буданд, писари Ҳалима давон-давон назди Ҳалима омаду гуфт: "Ду марди сафедпӯш омаданд ва шиками бародари қурайшии моро шикофтанд ва акнун дастҳояшонро низ дар шиками ӯ қарор додаанд". Ҳалима ва ҳамсараш давон-давон назди Паёмбар (с) шитофтанд ва ӯро

рангпарида ёфтанд. Пас аз он моҷароро аз ӯ пурсиданд. Паёмбар (с) гуфт: “Ду марди сафедпӯш омада қалбамро шикофтанд ва чизеро аз он берун оварда гуфтанд: “Ин баҳраи шайтон аст” ва қалбамро дар ташти заррин аз оби Замзам шустушӯй доданд ва пас аз он қалбамро ба ҷойи худаш бозгардониданд”. Ин моҷаро боис шуд, то Ҳалима бар хилофи рағбату майли қалби худ Паёмбар (с)-ро ба модараш бисупорад.

## Вафоти Омина - модари Паёмбар (с)

Баъд аз ин ки Ҳалима Паёмбар (с)-ро ба модараш супурд, модараш дар садад баромад, то ҳамроҳи Паёмбар (с) барои зиёрати шавҳари вафоткардааш ва ҳамчунин дидорбинии ақвому хешовандони ҷадди Паёмбар (с) - Абдулмутталиб, ки аз қабилаи Банӣ Наҷҷор буданд, ба Ясриб (Мадина) мусофират намоянд.

Дар ин сафар Абдулмутталиб - ҷадди Паёмбар (с) ва хидматгори Омина ба номи Умми Айман ӯро ҳамроҳӣ мекарданд. Баъд аз ин ки масофати ҳудуди панҷсад километрро тай намуданд, ба Ясриб расиданд ва Омина як моҳ дар он ҷо монд.

Ҳангоми бозгашт Омина дучори беморийи сахте гардид ва дар ноҳияе ба номи Абвоъ, ки минтақае миёни Макка ва Мадина аст, даргузашт ва дар ҳамон ҷо ба хок супурда шуд. Дар ин ҳангом Паёмбар (с) шашсола буд.

## Паёмбар (с) таҳти сарпарастии Абдулмутталиб

Баъд аз вафоти Омина модари Паёмбар (с) сарпарастии ӯро Абдулмутталиб бар ӯҳда гирифт, Абдулмутталиб аз ҳеҷ гуна меҳру утуфате нисбат ба Паёмбар (с) дареғ наменварзид ва ӯро бисёр дӯст дошта навозиш мекард, ҳатто ӯро аз фарзандони худаш ҳам бештар дӯст медошт, чаро ки медонист оияндаи дурахшону равшан дар интизори ӯст.

Дар сояи хонаи Каъба барои Абдулмутталиб зерандозе паҳн мекарданд, писаронаш гирдогирди он менишастанд, то Абдулмутталиб биёяд ва бар рӯйи он зерандоз бинишинад ва ҳеҷ як аз онҳо ба хотири эҳтироми Абдулмутталиб ба рӯйи он зерандоз наменишаст, аммо Паёмбар (с) бо вуҷуди ин ки синну сол надошт, ҳар вақт меомад бар рӯйи он зерандоз менишаст ва ҳар гоҳ амакҳояш мехостанд ӯро аз ин кор манъ кунанд ва канор

бикашанд, Абдулмутталиб мегуфт: “Ӯро раҳо кунед, зеро ба Худо қасам, Муҳаммад аз шаъну мартабаи волое бархӯрдор аст”. Илова бар ин, дасти навозише бар сари ӯ мекашид, то шояд ба ин васила Паёмбар (с) аз даст додани падару модарро дар зиндагии хеш эҳсос накунад ва василаи андӯҳу ғами ӯро фароҳам насозад. Аммо бо тамоми меҳру утуфати ҷаддаш нисбат ба Паёмбар (с) зиндагии ӯ бо ҷаддаш низ дере напойид ва дар синни нӯҳсолагӣ бобои бузургворашро аз даст дод. Ин амр боиси нороҳатӣ ва андӯҳнокии Паёмбар (с) шуд, ба гунае ки Паёмбар (с) ҳангоми вафоти ҷаддаш як дунё ғаму андӯҳ ба дил дошт ва бисёр нороҳату парешон буд.

### Паёмбар (с) таҳти сарпарастии амакаш Абӯтолиб

Бо вуҷуди ин ки вафоти Абдулмутталиб, Паёмбар (с)-ро нороҳат ва ғамгин карда буд, аммо Абӯтолиб бо ибрози меҳру муҳаббати зиёдаш ба Паёмбар (с) иҷоза надод то вафоти ҷаддаш ӯро биозорад, зеро ки Абдулмутталиб дар охири умраш, сарпарастии ӯро ба Абӯтолиб супурда буд. Ҳангоме ки Паёмбар (с) таҳти сарпарастии Абӯтолиб қарор гирифт, ӯро ба хонааш бурд ва аз Паёмбар (с) монанди фарзанди худ нигаҳдорӣ ва менамуд, ҳатто ӯро аз фарзандонаш муқаддам медошт ва ин меҳру утуфатро ҳатто дар давроне, ки Паёмбар (с) ба паёмбарӣ мабъус шуд, ба эшон иброз медошт.

### Мулоқот бо Буҳайро - роҳиби масеҳӣ

Паёмбар (с) бо вуҷуди ин ки навҷавоне камсинну сол буд, аммо кору талошро бисёр дӯст медошт ва мехост бо кору фаъолияташ заҳмати амакаш Абӯтолибро, ки марди фақир буд, ҷуброн намояд.

Ҳангоме ки Паёмбар (с) ба синни дувоздаҳсолагӣ расид, Абӯтолиб қасди тиҷорат ба Шомро намуд. Паёмбар (с) аз ин ки амакаш аз ӯ ҷудо мешуд, сахт афсурда ва нороҳат шуда буд. Вақте ки Абӯтолиб Паёмбар (с)-ро дар чунин ҳолате дид, дилаш ба раҳм омад ва ӯро бо худ ба Шом бурд. Дар байни роҳ ба қаряе ба номи Бусро, ки аз тавобеи Шом мебошад, расиданд. Ин минтақа ҳанӯз таҳти султаи румиён қарор дошт ва дар он ҷо роҳибе ба номи Буҳайро зиндагӣ мекард. Азбаски сифатҳои Паёмбар (с) дар китобҳои пешин, аз ҷумла Таврот ва Инҷил зикр гардида,

Бухайро ин сифатҳои Паёмбарро дар Инҷил мутолиъа намуда буд, аз ҳар корвоне, ки ба он ҷо мерасид, ҷӯё мешуд, то шояд хусусияти Паёмбари ҷадидро, ки дар Инҷил ваъда дода шудааст, дар он шахс биёбад. Ҳамин ки корвон ба он ҷо расид, Буҳайро ба он ҷо шитофт, дар ҳоле ки пеш аз он ҳеҷ гоҳ ба назди корвониёне, ки дар он ҷо иқомат мекарданд, намеомад.

Буҳайро ҳамаи афроди корвонро аз назар гузаронид, то ин ки ба Паёмбар (с) расиду гуфт: "Ин сарвари ҷаҳониён аст, ки Худованд ӯро барои ҳидоят ва роҳнамоии тамоми оламиён фиристодааст".

Корвониён вақте аз Буҳайро суол карданд, ки аз куҷо медонӣ, ки ин Паёмбар хоҳад шуд ва ҳидояти ҷомеаро бар ухда хоҳад гирифт, ӯ дар ҷавоб ба онҳо гуфт: "Вақте ки шумо қасди дохил шудан ба шаҳрро доштед, ҳамаи сангҳо ва дарахтҳо ба саҷда афтоданд. Сангҳо ва дарахтон барои касе ғайр аз паёмбарон саҷда намекунанд".

Баъд аз он, ҳамаи онҳоро ба хотири гиромидошти Паёмбар (с) ба даъват фаро хонду сипас ба Абӯтолиб гуфт: "Ӯро бо худ ба Шом набар, зеро бими он аст ки аз ҷониби румиён ва яҳудиён ба ӯ осебе бирасад". Абӯтолиб низ Паёмбар (с)-ро ҳамроҳи яке фарзандонаш ба Макка фиристод.

**Паймони Ҳилфул-фузул (ҷавонмардӣ)**

Паёмбар (с) ҷавоне бистсола шуда буд ва азбаски фитрати поку сиришти нек дошт, наметавонист зулму ситами дигаронро таҳаммул намояд. Аз ин рӯ, дар паймонҳое, ки ба хотири дифоъ аз ҳаққу ҳуқуқи маҳрумон ва мазлумон баргузор мешуд, ширкат менамуд, ки яке аз ин гуна паймонҳо паймони Ҳилфул-фузул (ҷавонмардӣ) аст.

Моҷаро аз ин қарор буд, ки марди тоҷире аз қабилаи Зубайд матоъеро барои фурӯш ба Макка овард. Матоъи ӯро фарде ба номи Ос ибни Воили Саҳмӣ харидорӣ кард, аммо ҳаққу ҳуқуқ ва маблағеро, ки дар ивази матоъе, ки аз ӯ харидорӣ карда буд, напардохт. Ӯ барои гирифтани ҳаққи худаш ба қабилаҳои ҳампаймони Ос ибни Воил шикоят кард, аммо касе ба доди ӯ нарасид. Аз ин хотир марди тоҷир болои кӯҳи Абӯқубайс рафту аз дигарон тақозои кӯмак намуд. Вақте ки Зубайр писари

Абдулмутталиб, ки амаки Паёмбар (с) буд, тақозои кӯмаки ӯро шунид, қабилаҳои Қурайш, банӣ Ҳошим, банӣ Абдулмутталиб, Асад ибни Абдулъуззо, Зуҳра ибни Килоб ва Тайм ибни Мурраро ҷамъ намуд. Онон бо якдигар паймоне бастанд, ки аз ҳуқуқи мазлумин дифоъ кунанд ва ба афроди бекасу бенаво кӯмак кунанд. Ин паймон дар хонаи Абдуллоҳ ибни Ҷудъон баста шуд, ки Паёмбар (с) низ дар он иштирок дошт ва аз ин паймон ҳамеша изҳори ризоият менамуд, ҳатто баъд аз ин ки ба паёмбарӣ мабъус шуданд, фармуданд: "Дар хонаи Абдуллоҳ ибни Ҷудъон дар паймоне ширкат доштам, ки дӯст надорам узвияти онро бо шутурони сурхмӯйи фаровон иваз кунам ва агар дар даврони Ислом низ маро ба сӯйи чунин паймоне фаро хонанд, дар он ширкат хоҳам кард".

## Паёмбар (с) дар пайи касбу кор

Паёмбар (с) дар синни ҷавонӣ касбу кори мушаххасе надошт, аммо дар ин айём бештар ба чӯпонӣ ва гӯсфандчаронӣ мепардохт, то заҳматҳои амакаш Абӯтолибро ҷуброн намояд. Аммо баъд аз муддате, ки рӯзгорро ба чупонӣ сипарӣ намуд, даст аз ин кор кашиду ба тиҷорат пардохт. Албатта ҳадафи Паёмбар (с) аз чӯпонӣ таҳияи сарфу харҷи зиндагӣ буд ва дигар ин ки беҳтар метавонист оёту нишонаҳои Худованд, аз ҷумла азамати осмон, хуршед, ситорагон, моҳ ва ғайраро бубинад.

Паёмбар (с) дар синни бисту панҷсолагӣ ба қасди тиҷорат бо сармояи Хадича равонаи Шом шуд. Ба хотири ин ки Хадиҷа зани сарватманду пулдор буд, афродеро аҷир (муздур) менамуд, то бо сармояи ӯ ба тиҷорат бипардозанд. Вақте ки ростгӯӣ ва садоқати Паёмбар (с) ба гӯши Хадиҷа расид, фардеро назди Паёмбар (с) фиристод ва ба Паёмбар (с) пешниҳод кард, ки бо ғуломи ӯ Майсара барои тиҷорат ба Шом биравад. Ба хотири ин ки шуғли мардуми Қурайш тиҷорат буд, Паёмбар (с) ин пешниҳодро пазируфт ва ҳамроҳи Майсара ба Шом рафтанд. Хадиҷа низ пешниҳод карда буд, ки маблағи бештареро аз он чи ба дигар бозаргонон медод, ба Паёмбар (с) бидиҳад.

## Издивоҷи Паёмбар (с) бо Хадиҷа

Баъд аз ин ки Паёмбар (с) ҳамроҳи ғуломи Хадиҷа - Майсара аз сафари тиҷоратӣ бозгаштанд, осори баракат ва амонатдорӣ

дар молҳои Хадиҷа намоён буд, зеро ки қабл аз он чунин фоидае барои Хадиҷа ба даст наомада буд.

Оре, садоқату дурустӣ ва амонатдории Паёмбар (с), таваҷҷуҳи Хадиҷаро ҷалб намуда буд, ба хусус, ҳангоме ки ғуломи ӯ Майсара каромоту бузургвориҳоеро, ки аз Паёмбар (с) дар тӯли ин сафар дида буд, барои Хадиҷа таъриф намуд.

Хадиҷа ба хотири ин ки насаби шариф дошт ва зани покдоману наҷиб буд, хостгорони зиёде дошт. Бахусус, сарони Қурайш аз ӯ хостгорӣ менамуданд, аммо Хадиҷа ба ҳамаи онҳо ҷавоби рад медод, чунки он хусусиятеро, ки Хадиҷа дар вуҷуди шавҳараш дидан мехост, онҳо доро набуданд. Хадиҷа пас аз солҳо гумшудаи худ (Паёмбар (с))-ро пайдо намуд, пешниҳоди издивоҷи хеш бо Паёмбар (с)-ро ба воситаи зане ба номи Нафиса матраҳ кард. Нафиса пешниҳоди Хадиҷаро бо Паёмбар (с) дар миён гузошт.

Паёмбар (с) низ пешниҳоди Нафисаро пазируфт ва ин амрро бо амаки худ дар миён гузошт. Онон назди амаки Хадиҷа рафтанду Хадиҷаро барои Паёмбар (с) хостгорӣ намуданд. Ба ин тартиб издивоҷи Паёмбар (с) бо Хадиҷа сурат гирифт.

Тамоми фарзандони Паёмбар (с) ғайри Иброҳим аз Хадиҷа мебошанд. Фарзандони Хадиҷа аз инҳо иборатанд: Қосим, Зайнаб, Руқайя, Умми Кулсум, Абдуллоҳ ва Фотима.

**Доварии Паёмбар (с)**

Замоне ки Паёмбар (с) сию панҷ сол дошт, Қурайш тасмим гирифтанд, то хонаи Каъбаро бозсозӣ намоянд. Сабаби бозсозии хонаи Каъба ин буд, ки бар асари селе, ки дар Макка иттифоқ афтода буд, наздик ба вайронӣ ва нобудии хонаи Каъба гардад. Қурайш, ки ба хонаи Каъба эҳтироми хосе доштанд, тасмим гирифтанд, ки бинои онро бозсозӣ намоянд. Ибтидо онон метарсиданд, ки мабодо Худованд ба хотири вайрон намудани хонаи Каъба осебе ба онҳо бирасонад. Аз тарафи дигар агар хонаи Каъба бозсозӣ намешуд, бинои он комилан фурӯ мерехт. Саранҷом Валид ибни Муғираи Махзумӣ корро шурӯъ намуд ва ду рукни аслии Каъбаро вайрон карду гуфт: "Бор Худоё, мо ҷуз кори хайр ҳадафе надорем". Баъд аз он сохтани ҳар қисмати Каъбаро ба як тоифа супурданд. Кори сохту бозсозии Каъба

тамом шуда буд ва танҳо насби Ҳаҷарул-асвад боқӣ монда буд. Аз сababi он ки ифтихори насби Ҳаҷарул-асвад насиби ҳар қабилае, ки мешуд, имтиёзи хосе нисбат ба қабоили дигар пайдо менамуд, қабоили мухталиф бо ҳам даргир шуданд ва ин даргирӣ чаҳор ё панҷ рӯз тӯл кашида, наздик буд, ки байни онҳо ҷанги сахту вайронгаре иттифоқ афтад.

Билохира Абӯумайя ибни Муғираи Махзумӣ ба онҳо пешниҳод кард, ки нахустин касе, ки вориди хонаи Каъба гардад, дар мавриди насби Ҳаҷарул-асвад ҳар чи гӯяд, дигарон қабул кунанд. Ҳамаи қабилаҳо ин пешниҳоди ӯро пазируфтанд ва дар интизори ин буданд, ки чӣ касе ворид хоҳад шуд. Худованд ин гуна ирода карда буд, ки ин ифтихор насиби Паёмбар (с) гардад. Вақте ки Паёмбар (с) наздики хонаи Каъба шуд, ҳамаи нигоҳҳо мутаваҷҷеҳи ӯ буд ва аз ин ки фарди амину дурусткор ворид шудааст, бисёр хушҳол шуда, дар интизор буданд, ки Паёмбар (с) чӣ гуна доварӣ хоҳад кард. Паёмбар (с) вақте ки аз моҷаро иттилоъ пайдо кард, чодари худро паҳн намуд ва он гоҳ дастур дод, ки ҳар як сарони қабоил гӯшаи аз он чодарро бигиранду боло бардоранд. Ҳангоме ки навбат ба насби Ҳаҷарул-асвад расид, бо дастони муборaki худ сангро дар ҷои махсус қарор дод ва бо ин тартиб бо диропяту зиракии хеш ба ҷангу ҷидоли миёни онон (Қурайш) хотима дод.

## Хусусияти Паёмбар (с) қабл аз биъсат

Паёмбар (с) қабл аз ин ки ба паёмбарӣ мабъус гардад, дорои хусусияту вежагиҳои бисёр неку писандида буд. Садоқат ва дурусткории Паёмбар (с) забонзади хосу ом гардида буд ва ҳамаи мардуми Қурайш эшонро бо номи Муҳаммадамин мешинохтанд. Ӯ ба оёт ва нишонаҳои қудрат ва азамати Илоҳӣ меандешид ва соатҳои тӯлонӣ ба розу ниёзи Парвардигори хеш мепардохт. Шароб наменӯшид, агар Қурайш кори хайр ва неке анҷом медоданд, ононро ёрӣ менамуд ва агар кори зишту норавое анҷом медоданд, аз онон рӯйгардон мешуд.

Бо ҳамнавъон ба некӣ ва хушӣ рафтор мекарду ба дарди дилҳои дигарон гӯш медод. Аз синни сиву панҷсолагӣ ба узлат ва гӯшанишинӣ мепардохт ва бештари вақташро дар ғоре ба номи ғори Ҳиро сипарӣ менамуд. Рӯзе аз рӯзҳо ҳодисае барояш

иттифоқ афтод, ки ҳаргиз бо он рӯ ба рӯ нашуда буд ва ҳатто интизори онро надошт.

**Нузули ваҳй**

Зиндагии Паёмбар (с) ҳамроҳи Хадиҷа бо хушбахтӣ ва саодат сипарӣ мешуд ва ҳар чи Паёмбар (с) ба синни чиҳилсолагӣ наздиктар мешуд, вежагиҳои рӯҳӣ ва ахлоқии ӯ тараққӣ меёфт ва мутаъолитар мегардид. Паёмбар (с) ҳар сол моҳи Рамазонро дар ғори Ҳиро, ки дар кӯҳи Нур воқеъ шуда буд, сипарӣ менамуд. Аммо дар ин сол Паёмбар (с) бо ғори Ҳиро унсу улфати бештаре пайдо намуда буд ва рӯҳи Паёмбар (с) ба гунае мутаъолӣ шуда буд, ки хобҳои содиқонаро мушоҳида менамуд ва ҳар чи дар хоб медид, ба вуқӯъ мепайваст.

Оре, Худованд ирода карда буд, то лутфи бениҳояти худашро машмули ҷаҳониён созад ва Паёмбар (с)-ро "Хотамуланбиё" қарор диҳад ва динро ба василаи ӯ комил гардонад.

Паёмбар (с) дар яке аз рӯзҳо, ки барои розу ниёз ба ғор Ҳиро рафта буд, бо шахсе рӯ ба рӯ гардид, ки ҳаргиз ӯро надида буд ва он шахс Ҷабраил (а) буд. Дар ин рӯз ҳомили як паёми бисёр бузургу навидбахш барои Паёмбар (с) буд. Он паём чунин буд: "Эй Муҳаммад, башорат ва мужда бод туро, ки ман Ҷабраил ҳастам ва ту Паёмбари Худо ба сӯи ин уммат ҳастӣ". Онгоҳ Ҷабраил (а) ба Паёмбар (с) гуфт: "Иқраъ" (бихон). Паёмбар (с) дар ҷавоб фармуд: "Мо ана биқориъин" (Ман хонданро намедонам). Ҷабраил (а) Паёмбар (с)-ро бисёр фишор доду он гоҳ гуфт:

***"Бихон ба номи Парвардигорат, ки ҳамаи ҷаҳонро офаридаст. Инсонро аз хуни баста офаридаст. Бихон ва Парвардигори ту бузургвортар ва бахшандатар аст аз он чи ту мепиндорӣ. Ҳамон Худованде, ки ба василаи қалам инсонро таълим дод ва ба ӯ чизҳое омӯхт, ки намедонист".***

Паёмбар (с) баъди нузули ин оятҳо, бо ҳолати пур аз тарсу ҳарос ғори Ҳироро тарк карду ба сӯйи хона шитофт. Аз шиддати ларзу тарс ба ҳамсари меҳрубонаш Хадиҷа (р) гуфт: "Маро бипӯшонед, маро бипӯшонед". Хадиҷа (р) Паёмбар (с)-ро пӯшонид ва сабаби ба вуҷуд омадани тарсу ларз дар вуҷуди ӯро

ҷӯё шуд. Баъд аз ин ки тарсу ларзи Паёмбар (с) бартараф шуд, моҷароро барои Хадиҷа (р) баён кард. Ин ҷо суоле пеш меояд, ки чаро Паёмбар (с) дучори тарсу ҳарос гардид? Ҷавоб ин аст, ки ҳамон тавре ки ҳазрати Мӯсо вақте таҷаллии азамати илоҳиро бар кӯҳ диду беҳуш шуд ва аз шиддати хавфи Илоҳӣ тоб наёвард, ин масъала дар мавриди Паёмбар (с) низ содиқ аст, чунки Паёмбар (с) аз қабл омодагии ин мавзуъро надошт ва интизор надошт, ки рӯзе бо падидаи бузурге ба номи "ваҳӣ" рӯ ба рӯ хоҳад шуду бори сангину хатири нубувват бар дӯши ӯ вогузор хоҳад гардид.

Азбаски ҳамсари меҳрубони Паёмбар (с) аз шахсияти волои эшон бохабар буд ва медонист, ки ин башорати азим барои эшон аст, ба Паёмбар (с) гуфт: "Аз он ҷое ки шумо дар гуфтору кирдори худ содиқ ҳастед ва ҳаққи хешовандону заифонро ба ҷой меоваред, Худо шуморо азият нахоҳад кард".

Хадиҷа (р) баъд аз он Паёмбар (с)-ро назди амакаш Варақа ибни Навфал бурд ва моҷароро барояш нақл кард. Варақа чун маълумоте аз китобҳои гузаштагон ва анбиёи илоҳӣ дошт, ба Паёмбар (с) гуфт: "Ин ҳамон фариштаест, ки Худованд ӯро ба сӯйи Мӯсо (а) фиристодааст. Яъни ӯ Ҷабраили амин, ваҳйовари Илоҳӣ аст ва қавми ту ҳамон мушкилот ва азиятҳоеро барои ту эҷод хоҳанд кард, ки барои паёмбарони пеш аз ту эҷод карданд ва туро аз шаҳри худ (Макка) берун хоҳанд кард".

### Паёмбар (с) дар ҳолати андӯҳ ва нороҳатӣ

Баъд аз ин ки ваҳӣ бар Паёмбар (с) нозил шуд, бештари вақти худро барои тоату ибодат ва тафаккур дар оёту нишонаҳои ӯ дар ғори Ҳиро сипарӣ менамуд. Аммо муддате гузашту ҳеҷ гуна ояти ҷадиде бар Паёмбар (с) нозил нагардид. Паёмбар (с) нороҳату ғамгин буд, чун фикр мекард, ки Худованд ӯро танҳо гузоштаст, аммо ҳар вақт чунин фикре ба суроғи Паёмбар (с) меомад, Ҷабраил (а) бар Паёмбар (с) нозил мешуду мегуфт: "Ту расули Худоӣ".

Албатта агар муддате ваҳӣ бар Паёмбар (с) нозил нашуд, ба ин хотир буд, ки ҳолати аввалини Паёмбар (с) ҳангоми нузули ваҳӣ, ки ҳамзамон бо тарсу ларз буд, бартараф шавад ва шавқу иштиёқи Паёмбар (с) барои дарёфти ваҳйи баъдӣ бештар гардад.

Ин буд, ки вақте шавқу иштиёқи Паёмбар (с) ба ниҳояти худ расида буд, Худованд ояти баъдиро бар Паёмбар (с) нозил кард. Оёти нозилшуда ин аст:

***“Эй ҷома бар сар кашида, бархез ва мардумонро аз азоби Худованд битарсон. Ва танҳо Парвардигори худро ба бузургӣ ёд кун. Ва ҷомаи хешро покиза дор. Ва аз чизҳои касифу палид дурӣ кун. Базлу бахшишро барои ин макун, ки афзунталабӣ кунӣ. Барои хушнудии Парвардигорат шикебоӣ кун”.*** *(Сураи “Муддассир”, оятҳои 1 то 7).*

Аз вақте ки оятҳо бар Паёмбар (с) нозил шуд, масъулияти сангини эшон, ки таблиғу инзори мардум буд, шуруъ шуд. Паёмбар (с) агар то кунун танҳо ба тазкия ва таълиму тарбияти дарунии хеш мепардохт, аммо аз имрӯз бояд таблиғу иршоди мардумро ба сӯйи Худо бар уҳда гирад ва дар ростои даъвати онон ба сӯйи Парвардигор агар дучори ранҷу заҳмате шавад, набояд нороҳату ғамгин шавад, ба ин хотир Паёмбар (с) кори даъвату таблиғро шурӯъ намуд.

## Марҳалаҳои даъвати Паёмбар (с)

Баъд аз нузули ваҳй дар зиндагии Паёмбар (с) марҳалаҳои ҷадиде оғоз гардид, ба ин хотир дар аввалин марҳалаи оғози ваҳй шуруъ ба даъвати мардум намуданд. Марҳалаҳои даъвати Паёмбар (с)-ро метавон ба ду давра тақсим намуд:

1. **Даъвати пинҳонӣ (махфӣ)**

Паёмбар (с) дар ин даврон фақат афродеро, ки мешинохт, ба Ислом даъват намуд. Шуруъи даъват дар миёни қавму қабилаи Паёмбар (с) ба ин хотир буд, ки қавму қабилаи он Ҳазрат (с) мардуми бефарҳанг буданд ва ҷуз бутпарастӣ ва шарик овардан ба Худо ойине надоштанд. Бар бутпарастию хурофапарастии худ исрор варзиданашон ба ин хотир буд, ки падарону ниёгонашонро бар ин ойин ёфта буданд.

Онон чизе аз ахлоқи писандидаи инсонӣ намедонистанд ва бо вуҷуди ин раёсату раҳбарии ҷомеъаи Арабистонро уҳдадор буданд. Бинобар ин, Паёмбар (с) мебоист ибтидои даъваташро ба сурати пинҳонӣ оғоз намояд, то қавми ӯ, ки ба таври ногаҳонӣ ва ба сурати ғайри интизорӣ бо даъвати осмонии Ислом рӯ ба рӯ мегарданд, ошӯб барпо накунанд.

Даврони даъвати пинҳонӣ се сол тӯл кашид. Паёмбар (с) дар ин се сол тарафдороне пайдо карда буд, ки бо ҷону дил аз ӯ посдорӣ ва ҳимоят менамуданд. Паёмбар (с) ибтидои даъвати хешро аз хонаводаи хеш оғоз намуд. Хадиҷа - ҳамсар ва дилсӯзи Паёмбар (с) аввалин касе буд, ки ба ӯ имон овард. Баъд аз он Зайд ибни Ҳориса - ғуломи озодшудаи Паёмбар (с) ва сипас Алӣ ибни Абӯтолиб ба вай имон оварданд.

Касоне, ки аз ҳамон нахуст ба Паёмбар (с) имон оварданд, аз инҳо ибортанд: Хадиҷа, Зайд ибни Ҳориса, Алӣ ибни Абӯтолиб, Абӯбакри Сиддиқ, Усмон ибни Аффон, Зубайр ибни Аввом, Абдурраҳмон ибни Авф, Саъд ибни Абӯваққос, Талҳа ибни Зубайр, Абдуллоҳ ибни Масъуд, Абӯзарри Ғифорӣ, Саид ибни Зайди Адавӣ, Фотима хоҳари Умари Форуқ, Уммулфазл - ҳамсари Аббос ибни Абдулмутталиб, Абӯсалама Абдуллоҳ ибни Асади Махзумӣ, Холид ибни Саъид, Арқам ибни Абуларқам, Аммор ибни Ёсир, Ёсир, Хаббоб ибни Арат ва ғайра.

Ин ҷамоат, ки дар имон бар дигарон сабқат ва пешӣ гирифтанд, дар таърихи Ислом ба "собиқини аввалин" машҳуранд ва Худо аз ин гурӯҳ дар ҳама ҷо эъломи ризояту хушнудӣ намудаст. Дар ҷилди поёни ин китоб ба хусусиёт ва сифоти ёрону асҳоби Паёмбар (с) бештар хоҳем пардохт.

Дар се соле, ки даъвати Паёмбар (с) пинҳонӣ сурат мегирифт, ӯ ва ёронаш сахтиҳо ва душвориҳои зиёдеро таҳаммул намуданд, ҳатто наметавонистанд ба таври ошкор дар пеши чашмони Қурайш намоз бихонанд ё Қуръон биомӯзанд ва тиловат кунанд. Онҳо барои омӯзиши Қуръону намоз ба кӯҳҳо паноҳ мебурданд ва намозашонро аз қавму қабилаи хеш пинҳон мекарданд.

Дар ин даврон хонаи Арқам ибни Абуларқам низ ҳамчун яке аз марҳалаҳои даъвату таблиғи Ислом интихоб гардид.

**2. Даъвати ошкоро**

Баъд аз ин ки дар шаҳри Макка ҷомеъаи кӯчаке аз мусалмонон бар асоси бародарӣ ва ҳамёрӣ ташкил шуд ва ёрону асҳоби Паёмбар (с) порае аз масъулияти эшонро бар дӯш гирифтанд, Худованд он Ҳазрат (с)-ро ба ошкор намудани даъваташ амр кард. Ин даъват бо оёти зер шуруъ шуд:

***“Ва ин ки хешавандони наздики хешро бим деҳ”.*** *(Сураи “Шуаро”, ояти 214).*

***“Ва он чизеро, ки Худованд туро ба он маъмур сохта, барои мардум баён кун ва мардумро ошкоро ба сӯйи он даъват намо ва аз мушрикон рӯй гардон”.*** *(Сураи “Ҳиҷр”, ояти 94).*

Бо шуруъи марҳалҳои даъвати ошкоро масъулияти Паёмбар (с) боз ҳам мушкилтар гардид ва мебоист ин даъватро ба гӯши ақвому хешони хеш бирасонад. Паёмбар (с) ибтидо тоифаи банӣ Ҳошимро ба хонаи хеш фаро хонд. Ҳамагӣ омаданд ва шумори онон ба бисту панҷ нафар мерасид. Паёмбар (с) хост сӯҳбат кунад, аммо Абулаҳаб амаки Паёмбар (с) пешдастӣ карду гуфт: “Инҳо ҳама амакзодагони ту ҳастанд, бинобар ин, ин корро канор бигузор ва чизе нагӯ, ки бо ақоиди падарону аҷдоди ту мухолиф бошад, зеро қабилаи ту тобу таҳаммули инро надоранд, ки дар баробари қабилаҳои араб биистанд, ман то кунун касеро надидам, ки бадтар аз он чи ту барои қавму қабилаи худ овардаӣ, биёрад. Расули Худо сукут карданду чизе нагуфтанд.

Он гоҳ Паёмбар (с) бори дигар ононро даъват намуд ва барои онҳо чунин хитобае эрод фармуд:

“Сипос махсуси Худост, ӯро сипос мегӯям, аз ӯ ёрӣ меҷӯям ва бар ӯ имону таваккул кардам. Шаҳодат медиҳам, ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Худои яктову ягона, ки шарику ҳамтое надорад, нест ва ва ман фиристодаи Худо ба сӯйи шумо ва тамоми оламиён ҳастам. Савганд ба Худо, ки ҳамаи шумо хоҳед мурд, ҳамон гуна ки бедор мешавед ва дар баробари он чи мекунед, кайфару подош хоҳед дид”.

Аз миёни ин ҷамъияти даъватшуда ба хонаи Паёмбар (с), Абӯтолиб танҳо касе буд, ки бо гуфтаҳои Паёмбар (с) мувофиқ буд. Абӯтолиб гӯфт: “Мо беш аз ҳад, дӯстдори ҳамроҳи ҳамдастӣ бо ту ҳастем ва аз суханони хайрхоҳонаи ту истиқбол мекунем ва гуфтори туро бовар мекунем! Бинобар ин маъмурияти Илоҳии хешро дунбол кун, ки ба Худо савганд пайваста аз ту ҳифозат ва посбонӣ мекунем”.

Абӯлаҳаб гӯфт: “Ба Худо савганд ин расвоист! Пеш аз он ки дигарон бар сари ӯ бирезанд, шумо худ монеъ шавед”. Аммо

Абӯтолиб гуфт: "Ба Худо савганд, то охир аз ӯ пуштибонӣ хоҳам кард".

**Паёмбар (с) бар фарози кӯҳи Сафо**

Баъд аз ин ки Паёмбар (с) аз ҷониби Абӯтолиб мутмаин шуд, ки ӯро танҳо нахоҳад гузошт ва дар тамоми марохил ёру ёвараш хоҳад буд, бар болои кӯҳе ба номи "Сафо" боло рафту фарёд баровард: "Ё сабоҳоҳ!" Дар он даврон ин калимаро вақте ба кор мебурданд, ки амри муҳим ба вуқуъ пайваста ва ё лашкаре ҳамла кардааст.

Он гоҳ ҳар як қабиларо бо ному русум садо зад: "Эй банӣ Фиҳр, эй банӣ Адӣ, эй банӣ Абдуманоф, эй банӣ Абдулмутталиб...".

Ҳангоме ки Қурайш ин нидои Паёмбар (с)-ро шуниданд, ба сӯяш шитофтанд ва ҳатто касоне, ки наметавонистанд худашон ҳозир шаванд, намояндаеро аз ҷониби худ ба ин минтақа фиристоданд. Замоне ки ҳама омаданд, Паёмбар (с) фармуд:

"Агар ба шумо бигӯям, ки пушти ин домана лашкаре омадаст, то ба шумо ҳамла кунад, оё гуфтаи маро бовар мекунед?". Ҳамаи онҳо гуфтанд: "Оре, собиқа надорад, ки мо аз ту сухани дурӯғе шунида бошем". Паёмбар (с) фармуд: "Пас бохабар бошед, ки ман фиристодаи Худо ба сӯйи шумо ҳастам, бинобар ин аз ман пайравӣ ва фармонбурдорӣ намоед, то аз азоби сахте, ки дар пеши рӯ доред, наҷот пайдо кунед.

Баъд аз ин ки суханони Паёмбар (с) тамом шуд, мардум пароканда шуданд ва танҳо касе, ки бо Паёмбар (с) ба дуруштӣ бархӯрд кард, Абӯлаҳаб буд, ки ба Паёмбар(с) гуфт: "Ҳалокат бод туро, оё барои ин моро даъват кардӣ?". Вақте ки Абӯлаҳаб ба Паёмбар (с) чунин густохӣ намуд, Худованд дар иртибот бо дурустии суханони Паёмбар (с) сураи "Таббат"-ро фиристод:

**"Нобуд бод Абӯлаҳаб ва ҳатман нобуд мегардад".**

Аз он рӯз баъд Паёмбар (с) ва ёронаш ба таври ошкоро дар муқобили дидаи мушрикону бутпарастон ба ибодати Худованд мепардохтанд. Ба тадриҷ даъвати Паёмбар (с) дар миёни афроде, ки дар Макка зиндагӣ мекарданд, густариш пайдо кард ва рӯз ба рӯз теъдоди мусалмонон афзуда мешуд, иртиботи онҳо бо қавму

қабилаашон тираву тор мегардид ва ин амр хашму ғазаби Қурайшро барангехт.

**Бархӯрди мушрикон бо Расули Худо (с)**

Бузургони Қурайш дар даврони даъвати пинҳонӣ бо Паёмбар (с) ба мухолифат напардохтанд. Иллати асосии мухолифат накардани онон ин буд, ки онҳо манфиатҳои иқтисодӣ ва шахсии худро дар хатар намедиданд. Аммо дар даврони даъвати ошкоро қазия баръакс сурат гирифт ва онон ба таври ошкоро бо Паёмбар (с) ба мухолифат пардохтанд. Ин ҳам ба ин хотир буд, ки манфиатҳои иқтисодӣ ва шахсии худро дар хатар медиданд, зеро ки рӯз ба рӯз теъдоди пайравони Паёмбар (с) зиёд мешуд. Онон вақте чунин саҳнаро мушоҳида карданд, эҳсос карданд, ки қудрат ва шарафу мавқеъияти иқтисодию иҷтимоии гузаштаи худро аз даст додаанд. Бинобар ин, ба чунин фикр афтоданд, ки ин нуқсонро ҷуброн намоянд. Пас аз ба вуҷуд омадани чунин ҳаводисе буд, ки ба озору азийяти Паёмбар (с) шуруъ намуданд. Онон ба Паёмбар (с) нисбатҳои норавову зиштро медоданд. Аз ҷумла, Паёмбар (с)-ро бо лақабҳои “соҳир”, “ҷодугар”, “девона”, “коҳин” ва “шоир” мехонданд ва касонеро, ки барои ҳаҷ меомаданд, ононро аз рӯй овардан ба ин ойини ҷадид барҳазар медоштанд. Аз сӯйи дигар, Паёмбар (с) аз ҳар фурсате, ки даст медод, барои таблиғу инзори мардум ба сӯйи Худо истифода менамуд ва Абӯлаҳаб ҳар ҷо ки Паёмбар (с)-ро медид, мегуфт: “Ин мард аз дин баргашта ва дурӯғгӯ аст”. Аммо натиҷа ин шуд, ки касоне, ки ба Макка барои ҳаҷ омада буданд, аз даъвати Паёмбар (с) бо иттилои кофӣ бармегаштанд ва даъвати Паёмбар (с) дар тамоми сарзаминҳои араб густариш пайдо кард.

**Куффори Қурайш назди Абӯтолиб меравад**

Куффори Қурайш вақте мушоҳида намуданд, ки даъвати Паёмбар (с) рӯз ба рӯз густариш пайдо менамояд ва Абӯтолиб низ яке аз афроде аст, ки бо тамоми ҷону мол аз Паёмбар (с) дифоъ менамояд ва худ дорои аслу насаби бузург буда, дар миёни Қурайш дорои эҳтиром ва манзалати хос аст, пас барои онон бисёр мушкил буд, ки ҳурмат ва ҳимояти ӯро бишкананд. Бинобар ин, ин амр онҳоро бисёр нигарон карда буд ва ба фикр

афтоданд, ки ба беҳтарин ваҷҳ аз ин тангно берун биёянд. Онон пас аз баҳсу музокироти тӯлонӣ беҳтарин ва муносибтарин равишро дар ин диданд, ки бо бузурги Қурайш Абӯтолиб вориди гуфтугӯ шаванд, то битавонанд Паёмбар (с)-ро водор намоянд, то аз даъвати хеш даст бардорад.

Иддае назди Абӯтолиб рафтанд ва гуфтанд: "Эй Абӯтолиб, писари бародари шумо худоёни моро дашном медиҳад, аз дини мо айбҷӯӣ мекунад ва падарону некони моро гумроҳ мехонад, аз ҳимояти ӯ даст бардор, то мо худ ҷазои ӯро бидиҳем ва ё ин ки ҷилави ӯро бигир, то ба худоёни мо носазо нагӯяд".

Абӯтолибононро қонеъ намуд ва онҳо бозгаштанд. Даъвати Паёмбар (с) ҳамчунон рӯз ба рӯз густариш меёфт ва онон вақте ки вазъиятро чунин диданд, дубора назди Абӯтолиб омаданду гуфтанд: "Аз шумо дархост кардем, ки дасти бародарзодаатонро аз сари мо бардоред, аммо шумо ҳеҷ эътиное ба дархости мо нанамудед. Акнун мо дигар тобу таҳаммул надорем, ки ба худоёнамон иҳонат кунад. Ё бояд дасташро аз сари мо кӯтоҳ кунед ё мо бар зидди ту ва бародарзодаат ба ҷанг хоҳем пардохт". Ин амр бар Абӯтолиб гарон омад ва назди Паёмбар (с) рафту пешниҳоди Қурайшро ба ӯ матраҳ кард.

Паёмбар (с) фармуд: "Ба Худо савганд, агар хуршедро ба дасти ростам ва моҳро ба дасти чапам бигузоранд, то аз даъватам даст бикашам, нахоҳам пазирифт, то он ки Худои мутаъол даъватамро пирӯз гардонад ва ё ин ки дар роҳи даъватам бимирам".

Вақте ки Қурайш диданд, ки Паёмбар (с) пайваста ва ба ҳолати хастагинопазир ба кораш идома медиҳад ва Абӯтолиб низ даст аз ҳимояти ӯ барнамедорад, тасмим гирифтанд, ки Аммора ибни Валид ибни Муғираро, ки зеботарин ҷавони Қурайш буд, назди ӯ бибаранд, то дар иваз Абӯтолиб низ Паёмбар (с)-ро дар ихтиёри онон қарор диҳад, то ӯро бикушанд. Абӯтолиб гуфт: "Мехоҳед писаратонро ба ман диҳед, то ба ҷойи шумо ӯро бузург кунам ва дар иваз фарзандамро ба шумо бидиҳам, то ӯро бикушед? На, ҳаргиз чунин коре намекунам".

### Шиканҷа ва озори ёрони Паёмбар (с)

Мушрикон танҳо ба озору азияти Паёмбар (с) иктифо накарданд, балки шуруъ ба озору азийяти ёрон ва асҳоби Паёмбар (с) низ намуданд. Бештарин озору азийят мутаваҷеҳи Билол буд. Билол ғуломи яке аз ашрофи Қурайш ба номи Умайя ибни Халаф буд. Умайя бар гардани Билол танобе баст ва он танобро ба дасти кӯдакон супорид, то онро ба ин тарафу он тараф бикашонанд. Билол гоҳе ба паҳлу ва гоҳе ба рӯй меафтод, аммо дар ҳама ҳол "Аҳад, Аҳад" мегуфт.

Умайя дар рӯзҳои гарми тобистон Билолро бар рӯйи регҳои доғ хобонид ва сангеро бар рӯйи шиками ӯ ниҳоду гуфт: "Ё бояд дар ҳамин ҳол бимонӣ, то бимирӣ ва ё ин ки ба Худои Муҳаммад куфр оварда, носазо гӯйӣ ва ба ду бути Лот ва Уззо имон оварӣ. Аммо Билол бо камоли шаҳомату шуҷоат мегуфт: "Худо яке аст, шарике надорад, ду бути Лот ва Уззо лаёқати инро надоранд, ки дар муқобили онон таъзим намуд". Ин вазъ идома пайдо намуд, то ин ки Абубакри Сиддиқ (р) рӯзе Билолро аз Умайя хариду ӯро озод намуд ва аз он рӯз Билол муаззини Паёмбар (с) шуд.

Яке дигар аз ёрони Паёмбар (с), ки Қурайш ӯро мавриди озору азийят қарор медоданд, Хаббоб ибни Арат буд. Хаббоб ғуломи зане ба номи Умми Анмор буд. Хаббоб оҳангар буд, вақте ки Умми Анмор хабари мусулмон шудани Хаббобро шунид, аз курраи ӯ оҳани гудохта оварду бар пушташ ниҳод, ба гунае ки равғани бадани ӯ оҳани гудохтаро хомӯш менамуд, аммо рӯз ба рӯз имони Хаббоб афзуда мешуд.

**Иҷтимоъ дар Дорун-надва**

Вақте ки Қурайш ба ин натиҷа расиданд, ки озору азийяташон дар пешрафти даъвати Паёмбар (с) ҳеҷ гуна таъсире надошта ва ёронаш на танҳо аз имон даст намекашанд, балки рӯз ба рӯз имонашон муҳкаму қавитар мегардад ва бо вуҷуди ҳама монеаҳо ва мушкилоти эҷодшуда аз тарафи онҳо теъдодашон афзоиш меёбад, дар маҳалле ба номи "Дорун-надва", ки маҳалли тасмимгириҳои муҳими Қурайш буд, ҷамъ шуданд, то бинанд бо Паёмбар (с) ва асҳобу ёронаш чӣ гуна рафтор намоянд ва дар мавриди онон чӣ тасмиме бигиранд.

Касе, ки маъмур шуд назди Паёмбар (с) биравад, то тасмимҳоеро, ки гирифта буданд, матраҳ созад Утба ибни Рабиъа

буд. Утба назди Паёмбар (с) ба Масҷидул-ҳаром рафт ва Паёмбар (с) машғули хондани намоз буд. Ҳангоме ки намози Паёмбар (с) ба поён расид, Утба ба Пёмбар (с) гуфт: "Эй писари бародарам, қадру манзалати мо бар ту пӯшида нест, аммо ту ба василаи ин корат ақлҳоямонро паст шумориди̣, ба Худоёнамон носазо гуфтӣ ва падарону некони моро гумроҳ хондӣ, ҳоло гӯш кун, ки чанд чиз бар ту арза мекунам, шояд баъзе аз онҳоро бипазирӣ".

Паёмбар (с) фармуд: "Эй Абӯвалид, ман гӯш мекунам".

Утба гуфт: "Эй писари бародарам, агар қасди ту аз таблиғу ойини ҷадид касбу даромади молу сарват аст, мо он қадар ба ту молу сарват медиҳем, ки сарватмандтарин фард гардӣ. Агар қасди ту подшоҳӣ аст, мо туро подшоҳи худамон мегардонем. Агар ҷинзада шудаӣ ва ҷин туро озору азийят медиҳад, мо пизишконро даъват мекунем ва амволи худро дар роҳи шифои ту масраф мекунем, то беҳбуд ёбӣ".

Паёмбар (с) бо камоли хурсандӣ ва виқор ба суханони Утба гӯш фаро дод. Вақте ки суханони Утба тамом шуд, оятҳои 1 то 14-уми сураи "Саҷда"-ро бар ӯ тиловат намуд. Утба бо шунидани ин оятҳо ба ҳаққоният ва дурустии даъвати Паёмбар (с) пай бурд ва назди қавми худ рафту гуфт: "Эй гурӯҳи Қурайш, ба сухани ман гӯш фаро диҳед, ҷилави даъвати Паёмбар (с)-ро нагиред ва бигузоред, ки озодона корашро идома диҳад, чун ман сухане аз ӯ шунидам, ки хабар аз ояндаи аҷиб аст. Ин оятҳо дар бораи азамату қудрати Парвардигор ва натиҷаи аъмоли касоне аст, ки даъвату рисолати Паёмбар (с) ва ҳаққонияти рӯзи қиёматро инкор мекунанд".

Қурайш дар ҷавоби Утба гуфтанд: "Муҳаммад туро ҷоду кардааст".

Аз ин матлаб ба ин натиҷа мерасем, ки дар миёни ҳар қавму қабилае афроде ҳастанд, ки нидои ҳаққу ҳақиқатро дарк мекунанд ва ҳақиқат барои онҳо ошкору равшан мегардад, аммо афроде, ки худро бузурги ҷомеъа ва ё қабила қаламдод мекунанд, танҳо ба фикри манфиати моддӣ ва иқтисодии хеш мебошанд ва монеъ аз ин амр мегарданд, ки нидои ҳақиқат ба гӯши ҷаҳониён ва ташнагони ҳаққу ҳақиқат бирасад. Ба гунае ки дар ин моҷаро

агар Абӯҷаҳл мегузошт, то Қурайш ба ҳарфҳои Утба гӯш диҳанд, ҳеҷ гуна ҷангу хунрезӣ дар миёни Қурайш иттифоқ намеафтод.